## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ оид ба кори дисертатсионии Каримов Фирдавс Убайдуллоевич дар мавзуи «Таҳияи шаклҳои доругӣ дар асоси дӯлонаи туркистонӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мерӯяд», барои ҳимоя намудан ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарматсевтӣ аз рӯи ихтисоси 14.04.01– Технологияи тавлиди доруворӣ**

Каримов Фирдавс Убайдуллоевич аз давраи донишҷӯӣ ба корҳои илмӣ машғул буда, пас аз хатми факултети фарматсевтии ДМТ ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи фармакогнозияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, дар кафедраи мазкур ба корҳои илмию таҳқиқотӣ машғул шуд.

Каримов Фирдавс Убайдуллоевич дар рафти иҷрои кори диссертатсионӣ худро ҳамчун мутахассиси кордон ва боистеъдод нишон дода, дар раванди фаъолияти илмию таҳқиқотӣ қобилияти мустақилонаи пеш бурдани таҳқиқотҳои назариявӣ ва гузаронидани корҳои таҷрибавӣ оид ба таҳқиқи фитохимиявии дӯлонаи туркистонӣ ва дар асоси он таҳияи шаклҳои доругиро анҷом додааст.

Кори илмии Каримов Фирдавс Убайдуллоевич ба мавзуи «Таҳияи шаклҳои доругӣ дар асоси дӯлонаи туркистонӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мерӯяд», бахшида шудааст, ки қиматҳои физикӣ-химиявии моддаҳои ҳосилкардашуда ҳамчун маводи маълумотӣ ба ҳисоб рафта, барои мутахассисоне, ки ба таҳқиқи фитохимиявӣ ва таҳияи технологияи шаклҳои доругӣ машғуланд мусоидат менамояд. Инчунин дар раванди таълим ҳангоми хондани лексия аз фанҳои технологияи фарматсевтӣ, фармакогнозия, химияи фарматсевтӣ, ва курсҳои махсуси соҳаи фарматсевтӣ аз манфиат холӣ набуда, донишҷӯён, магистрантон ва унвонҷӯён натиҷаҳои кори мазкурро мавриди истифода қарор дода метавонанд.

Дараҷаи баланди касбиаш ба ӯ имкон дод, ки дар таҳқиқот аз усулҳои муосир, барои ҳалли масъалаҳои мураккаб, усулҳои назариявӣ ва амалии технологияи дорусозиро истифода намудааст.

Рисолаи илмӣ аз нигоҳи нав ба проблемаҳои муҳими анъанавии назариявӣ ва амалӣ бахшида шудааст.

Натиҷаҳои кор пурра ва саривақт дар маҷаллаҳои тақризшаванда, нашрияҳои муосир чоп карда шуда, номбурда дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ баромад намудааст.

Каримов Фирдавс Убайдуллоевич дар рафти иҷрои рисола ҷиддияти илмӣ нишон медод.

Дар раванди кори диссртатсионӣ Каримов Фирдавс Убайдуллоевич ҳамчун мутахассиси баландихтисос ва ташаббускор, ба ҳалли масъалаҳои мураккаби соҳаи фарматсевтӣ қодир будани худро нишон дод.

Ҳамин тариқ кори дисертатсионии Каримов Фирдавс Убайдуллоевич дар мавзуи **«Таҳияи шаклҳои доругӣ дар асоси дӯлонаи туркистонӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мерӯяд»** ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, барои ҳимояи расмӣ пешниҳод шуда метавонад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои фарматсевтӣ,
профессор, академики АМИТ С.Ҷ. Юсуфӣ

Имзои профессор С.Ҷ. Юсуфиро тасдиқ мекунам:
сардори шуъбаи кадрҳои раёсати
таҳсилотӣ тиббию фарматсевтӣ,
сиёсати кадрҳо ва илмӣ ВТ ва ҲИАҶТ Н. Мирзоалӣ

ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * ШӮЪБАИ КАДРҲО

19.06.2024